# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Оид ба мутобиқати мазмуни диссертатсия ба номи мавзӯъ ва ихтисос.** Мазмуни диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло пурра ба номи мавзӯъ ва ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.09.2025, № 10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсия ба таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта бахшида шуда, дар он масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар суғурта, аломатҳо ва шаклҳои шартномаҳои суғурта, механизмҳои танзими давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Шумора ва мутобиқати интишороти натиҷаҳои асосии таҳқиқот ба талаботҳо.** Унвонҷӯй муаллифи 9 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди умумии асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 5,5 ҷ. ҷ. мебошад. Шумора ва мазмуни интишорот ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқат мекунад.

**Оид ба истифодаи андеша ва маводҳои дигар (асардуздӣ).** Дар таҳқиқоти мазкур ҳеҷ гуна ҳолати беовардани иқтибос ба манбаъ

(асардуздӣ) ошкор карда нашуд. Ҳамаи маводҳои истифодашуда, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалияи судӣ ва оморӣ, дорои иқтибосҳои зарурӣ буда, ба рӯйхати адабиёти истифодашуда ворид гардидаанд, ки далели риояи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад.

**Риояи қоидаҳои имлои забони давлатӣ ва одоби илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷӯй қоидаҳои имло ва иншои забони давлатӣ риоя шудаанд. Матни диссертатсия бо забони илмии адабӣ ва истилоҳоти ҳуқуқии муқаррargardида пешниҳод гардидааст. Унвонҷӯй одоби илмиро (эҳтиром ба асарҳои дигар муаллифон, риояи пайдарпайии мантиқӣ, далелнокии хулосаҳо) пурра риоя намудааст.

**Саҳми унвонҷӯй дар таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба таҳлили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023-2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ бахшида шудааст.

Унвонҷӯй дар таҳияи консепсияи таҳқиқот, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва методологияи таҳқиқот саҳми бевосита дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то замони оғози таҳқиқот, бисёр ҷанбаҳои мушаххаси фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистон, аз ҷумла татбиқи рақамисозӣ, таъсири тағйирёбии иқлим ба хатарҳои суғуртавӣ ва ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар шароити афзоиши рақобат, пурра омӯхта нашуда буданд. Унвонҷӯй ба масъалаҳои мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар суғурта, аломатҳои шартномаҳои суғурта, шаклҳо ва механизмҳои танзими давлатӣ ва мушкилоти ҳуқуқии ҳифзи соҳибкорон

мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро пешниҳод намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексии илмӣ дар мавзӯи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023-2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар рафти таҳқиқот муаллиф масъалаҳоеро баррасӣ кардааст, ки дар ҳуқуқшиносии муосир навгонии илмӣ доранд, аз ҷумла:

- Таърифи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст;

- Зарурати ҷудо намудани суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ асоснок карда шудааст;

- Комплекси чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла таҳияи Кодекси суғуртаи ҶТ, таъсиси Фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ ва муассисаи омбудсмени суғурта пешниҳод гардидааст;

- Таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) анҷом дода шуда, роҳҳои мутобиқсозии он ба шароити иқтисодию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҳисоби: истифодаи методологияи муосири таҳқиқоти илмӣ (методҳои таҳлил, синтез, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ, синтез ва индуксия, моделсозӣ); таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ (Конститутсияи ҶТ, Кодекси мадании ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳо) ва хориҷӣ (қонунгузории Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса); омӯзиши омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва ҳалномаҳои судҳои иқтисодӣ

(зиёда аз 5 парванда); мавҷудияти 9 нашрияи илмӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ки 5 мақолаи онҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд; иштироки фаъол дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (4 конференсия) таъмин карда шудааст.

**Муҳокима ва тасвиби натиҷаҳои асосии диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлисҳои кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин ироа гардидаанд:

- Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир" – маъруза дар мавзӯи "Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 20 ноябри соли 2025);
- Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир" – маъруза дар мавзӯи "Шартномаи хизматрасонии суғуртавӣ: таҳлили муқоисавии қонунгузории ИМА, Русия ва Чин" (Душанбе, 20 ноябри соли 2025);
- Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Роҳҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир" – маъруза дар мавзӯи "Ҳолати ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Данғара, 13 июни соли 2025);
- Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Роҳҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир" – маъруза дар мавзӯи "Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғурта" (Данғара, 13 июни соли 2025).

**Оид ба мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло аз рӯи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) таҳия гардида, ба шиносномаи ихтисоси мазкур дар самтҳои зерин мувофиқат менамояд: таҳлили назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта; омӯзиши шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатӣ; таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи суғурта.

**Мутобиқати мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Ташаккули маърифати ҳуқуқи ҳамчун омили рушди давлати ҳуқуқбунёд дар шароити таъғйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ» (кори илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Данғара барои солҳои 2024-2028) мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст (бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37), пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия таҳқиқоти мукаммали илмӣ буда, дар он мушкилоти муҳими назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳал карда шудаанд. Муаллиф навгониҳои илмиро ба даст оварда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои асосноки амалӣ оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғурта таҳия намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом дода шуда, он барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад.

Аз ин рӯ, тасдиқ менамоям, ки Нуруллозода Алӣ Нурулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**муовини директор оид ба илм ва таълими**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои**
**Осиё ва Аврупои Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон** **Сангинзода Д.Ш.**

Ихтисоси илмии роҳбари илмӣ: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Суроғаи ҳуқуқӣ: 734018. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Телфон: (+992 37) 2210572
Email: rustamhaydarov.tjk@gmail.com
Сомона: https://www.osiyoavrupo.tj/tg

Имзои Сангинзода Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони кадри ИОМДОА-и АМИТ Игамова У.Я.

ШУЪБАИ КАДРҲО

«10» 02 соли 2026